## ХУЛОСАИ

**Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-011-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистоноид ба кори диссертатсионии Саидзода Исроил Маҳмад дар мавзуи«Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёт ва таҳқиқи компютерии динамикаи солонаи популятсияи оилаи занбӯри асал» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо.**

Кори диссертатсионии Саидзода Исроил Маҳмад ба масъалаи амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёт ва таҳқиқи компютерии динамикаи солонаи популятсияи оилаи занбӯри асал бахшида шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири маҷмуи васеи барномаҳо ва мавзуъҳои илмии марбут ба усулҳои амсиласозии математикӣ ва компютерӣ, пажуҳиш ва арзёбии устувории вазъи биологиии экосистемаҳо ва дарёфти ҳалли оптималии масъалаҳои соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд.Диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки илмҳои бунёдӣ ва масъалаи ҳамоҳангсозии илм бо истеҳсолот созгор мебошад.

Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаи муҳим ва рӯзмарародар вобастагӣ ба талаботи Ҳукумати ҷумҳурӣ роҷеъ ба таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор додааст, ки ин ҳолат аз мубрамият ва актуалӣ будани мавзуи таҳқиқ гувоҳӣ медиҳад.

Зимни омӯзиш ва таҳлили масъалаи додашуда муаллиф ба пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки фарогири хусусиятҳои биологӣ, физиологӣ, амсиласозии математикӣ ва компютерии фаъолияти оилаи занбӯри асал мебошанд ва ё ба ин самт иртибот доранд, такя намуда, онро ҳам аз диди биологӣ ва ҳам технологияи амсиласозӣ таҳқиқ намудааст.

Дар таҳқикоти диссертатсионӣ муаллиф аз усулҳои гуногуни амсиласозӣ, аз қабили амсиласозии консептуалӣ, математикӣ, компютерӣ

вазимни ҳисоббаробаркуниҳои компютерӣ аз забонҳои муосири барномасозии сатҳӣ олӣ истифода намудааст. Инчунин, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқиотро бо усулҳои идентификатсионӣ ва верификатсионӣ санҷида, натиҷаҳои саҳеҳро ба даст овардааст.

Ҷанбаҳои амалии таҳқиқотдар он зоҳир мегарданд, ки муаллиф тавассути амсилаҳои математикӣ равандҳои мураккаброҷиҳати баҳодиҳии марҳилаҳои ҳаётии фаъолияти оилаи занбӯри асал, хусусиятҳои ҷинсӣ, таъсири омилҳои биотикӣ, абиотикӣ ва антропогенӣ истифода намуда, бо татбиқи усулҳои муосири амсиласозии компютерӣ афзори тақлидии таҳқиқотие таҳия намудааст, ки тавассути он динамикаи популятсияи оилаҳои занбӯри асал, таъсири омилҳои табиӣ ба фаъолияти оилаи занбӯр, маҳсулнокӣ ва дурнамои вазъи оилаҳоро арзёбӣ намудан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 44 маводи илмӣ интишор шудаанд. Маводи интишорнамудаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати онро пурра инъикос менамояд. Аз муҳтавои интишороти довталаб бармеояд, ки дар ин самт талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя гардида, шумораи онҳо кофӣ мебошад.

Диссертатсия фарогири соҳаҳои таҳқиқотии шиносномаи ихтисоси 05.13.18 – «Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо» буда, ба бандҳои зерини ихтисос мутобиқат мекунад:

- *банди 1.* Коркарди усулҳои нави математикии амсиласозии объектҳо, системаҳо, равандҳо ва ҳодисаҳо;
- *банди 3.* Коркард ва асосноккунии методика ва қоидаҳои мутобиқгардонии амсилаҳои компютерӣ, истифодаи самараноки онҳо дар пешгӯии таҳаввулоти объектҳо, системаҳо, равандҳо ва ҳодисаҳо;
- *банди 4.* Коркард, асосноккунӣ ва санҷиши усулҳои ҳисоббаробарии самаранок бо истифодаи технологияҳои компютерии муосир;

– *банди 5.* Татбиқи усулҳои ададӣ ва алгоритмҳои самарабахш ҷиҳати гузаронидани таҷрибаҳои ҳисоббарорӣ дар намуди комплекси барномаҳои масъалагаро;
– *банди 6.* Таҳқиқи комплексии масъалаҳои илмӣ-техникӣ ва пойгоҳӣ-татбиқӣ бо истифода аз технологияҳои муосири амсиласозии математикӣ ва таҷрибагузаронии ҳисоббарорӣ;
– *банди 9.* Коркарди системаи амсиласозии компютерӣ ва тақлидӣ.

Диссертатсия аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», панҷ боб бо зербобҳо, бахши «Хулоса» бо зербобҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Адабиёт» бо зербобҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» ва бахши «Замимаҳо» иборат буда, 321 саҳифаи чопиро фаро гирифтааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои чор санади татбиқӣ ва шаҳодатномаи ҳуқуқи муаллифӣ оид ба барномаи компютерии «Баҳодиҳии фаъолияти занбӯри асал вобаста ба таъсири бемориҳо ва зараррасонҳо» мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқотаз 15 банд иборат мебошад, ки онҳо дар диссертатсиява автореферати он пурра инъикос гардидаанд.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-011-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 16 нафар иборат буда, 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд: Назимов А.Б., Одинаев Р.Н., Мирзоев С.Ҳ., Қобилов М.М. ва Фарҳод Ш.

Комиссияи экспертӣ вобаста ба мазмуну муҳтавои диссертатсияи баррасишаванда пешниҳод менамояд:

1. **Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъин карда шавад.
2. **Муқарризони расмӣ:**
   – Қобилов Муъруф Маҳмудович – доктори илмҳои физикаю математика, мудири шуъбаи математикаи амалӣ ва механикаи Институти математикаи ба номи А. Ҷураеви АМИТ;

- Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо – доктори илмҳои физикаю математика, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муҳсинов Ёдгор Мирзоевич – доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи фанҳои риёзӣ ва табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

Комиссияи экспертӣ бо назардошти гуфтаҳои боло диссертатсияи доктории Саидзода Исроил Маҳмад дар мавзуи «Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёт ва таҳқиқи компютерии динамикаи солонаи популятсияи оилаи занбӯри асал»-ро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-011-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистонбарои ҳимоя тавсия медиҳад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои физикаю математика Назимов А.Б.
**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои физикаю математика Сафаров Ҷ.
доктори илмҳои физикаю математика Исматӣ М.

Имзои Назимов А.Б. - ро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров Сайдуллозода З.С.

Имзои Сафаров Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

Имзои Исматӣ М.-ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МД "Донишгоҳи байналмилалӣ
ва сайёҳии Тоҷикистон" Ҷураев Ш.Н.

22.12.2025